Суратҷаласаи №8

Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК “Хуҷандобуканал”

31 августи соли 2016

ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: намояндагони КВДК “Хуҷандобуканал”: Ғафурова М., Обидов А., Нурматов К., Нозимов И., Ибрагимов Р., Баротов Ғ., аъзоёни Шӯро: Бурҳонов Р.С., Набиев В., Москоленко В.П., Каримова С.
Иштирок надоштанд: 8 нафар

Рӯзномаи маҷлис:

1. Ахбороти садама дар шаҳри Хуҷанд ва таъминоти оби нӯшокӣ;
2. Таъминоти оби нӯшокии нуктаҳои иншооти обболобардор;
3. Масъалаҳои ҷорӣ.

Вохӯрии навбатии Шӯрои машварати ҷамъиятиро бо иштироки намояндагони КВДК “Хуҷандобуканал” ва аъзоёни Шӯрои машваратиро аъзои Шӯро Бурҳонов Р., оғоз намуд. Бурҳонов иштирокчиёни ҷаласаро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуд. Баъдан тибқи рӯзнома Сардори таъминоти оби нӯшокии шаҳри Хуҷанд Обидов А., баромад намуд. Дар баромади худ ӯ қайд намуд, ки дар ҳафт моҳи сипаришудаи соли 2016 ивази қубурҳои диаметрашон 200, 300, ва боздошти садамаҳо мухтасар, тибқи нақша чорабинӣ гузаронида шуда истодаанд. Дар ин марҳила се маротиба насоси обии мавзеи Пахтакор ва насоси 3- юм 4 маротиба дошта шуд. Кисмати кӯчаи Фадеев 200 метри тӯлонӣ қубурҳо иваз карда шуд. Дар ҳамин давра 400 адад садамаҳои гуногун ба вуҷуд омада ҳамаи онҳо бартараф карда шудаанд, ки шумораи ин садамаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58 адад камтар мебошад. Обидов қайд намуд, ки сабаби камшавии садамаҳо дар амалишавии лоиҳа ва дастгирии муштариён дида мешавад. Ва инчунин корхона техникаҳои муносиб дошта, ҳамаи онҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд. Оиди бартараф намудани садамаҳо аз тарафи иштирокчиён пешниҳод шуд, ки ҳангоми бартараф намудани садамаҳо пеш аз интиқол додани оби нушокӣ гирду атрофи ҷойи садама бо хлор тоза карда шавад, ва

пеш аз он, ки оби нӯшокӣ пас аз бартараф намудани садама ба истеъмолкунандагон дода шавад, оби нӯшокӣ аввал ба қубурҳои канализатсионӣ равон карда шаванд (сброс), то ки он хокҳое, ки ҳангоми аз нав ба кор даровардан бо фишори баланд ба об ҳамроҳ мешавад ба истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ нарафта ба партовобҳо равон карда шаванд, зеро ин мусоидат мекунад, ки ҳангоми баъд аз боздошти об ва аз нав интиқол додан оби нӯшокӣ бо ифлосӣ ба аҳолӣ дода нашавад, зеро нисбати ин масъала арзу шикоятҳо ворид шуда истодааст.

Аз тарафи Москоленко В., гуфта шуд, ки дар микроноҳияҳои 31, 32, 33, 34 хирагии об дида мешавад ва дар баъзе ҳолатҳо онро истифода бурдан низ ғайри имкон мебошад. Аз тарафи намояндаи Хуҷандобуканал гуфта шуд, ки сифати оби нӯшокии дар ин маҳаллаҳо дода мешуда ба нишондоди стандартҳо ҷавобгӯ мебошад, шояд ин дар ҳолати ҷамъ шудани ифлосиҳо дар қубурҳо бошад. Ва барои бартараф намудани ин камбудӣ пешниҳод шуд, ки қубурҳои обгузар ҳатман тоза карда шаванд. Вобаста ба сифати оби нӯшокӣ қайд карда шуд, ки на танҳо ташхисгоҳи корхона сифати обро месанҷанд, балки инчунин аз тарафи Маркази санитарию эпидемеологии шаҳри Хуҷанд низ ҳафтае як маротиба санҷиш гузаронида аз болои ташхисгохи корхона назорати ҷиддӣ бурда мешавад. Бояд қайд кард, ки натиҷаи нишондоди таҳлилгоҳи ташкилот ва ҳам МСЭ-и шаҳри Хуҷанд ба ҳам мувофиқ мебошанд.

Пас аз баромади Обидов оиди ҳолат ва фаъолияти нуктаҳои обболобардор Сардори иншоот Нурматов К., оиди рафти корҳо дар ин нуқтаҳо шунида шуд. Ӯ гуфт, дар давоми 7 моҳи соли ҷорӣ 6 адад насос, 4 адад шити барқӣ корношоям ва 2 адад садама дар ин нуқтаҳо рух додааст. Барои мунтазам кор намудани ин нуқтаҳо дар анбори корхона маводҳои лозима захира карда шудаанд, ки сари вақт барҳам дода мешаванд. Ҳоло бошад, марҳилаи 3-юми лоиҳа иваз намудани насосҳо ба назар гирифта шудааст, ки соли 2016 оғоз гардида дар давоми 3 сол амалӣ карда мешавад, ки зина ба зина иваз хоҳад шуд, қайд намуд Бурҳонов.

Сониян, сухан ба Сардори шуъбаи фуруши оби нӯшокии соҳили чап Нозимов И., дода шуд. Аз тарафи Нозимов маълумот, оиди сафар ба давлати Қазоқистон ш. Алма-ато, ки бо ташаббсуи Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон баргузор гардида буд, маълумоти муфассал шунида шуд. Мо барои омӯзиши роҳи алтернативии баҳсҳо (медиатсия) тренинги 5 рӯзаро дар шаҳри Алма-ато гузаштем, гуфт ӯ. Инчунин оиди таъмини оби нӯшокии шаҳр маълумот пайдо кардем, ки дар ин шаҳр низ ба монанди шаҳри Хуҷанд

интиқоли оби нушокӣ 24 соат ба роҳ монда шудааст. Ва сатҳи хизматрасонии корхонаи обтаъминкунанда ва сифати оби нӯшокӣ хеле баланд ба роҳ монда шудааст.

Оиди масъалаҳои ҷорӣ гуфта шуд, ки чоҳаки кушода дар микроноҳияи 33 вуҷуд дошта аз партоваҳо тоза карда бо сарпушак пушонида шудааст. Дар рӯзҳои наздик тасмим гирифта шуд, ки боқимонда чоҳакҳои кушода, ки дар дигар маҳаллаҳо вуҷуд дорад, низ бо сарпушҳо пушонида мешаванд.

Дар охири ҷаласа қарор карда шуд, ки:

1. Сифати оби нӯшокии маҳаллаи 33 таҳлил карда мешавад;
2. Чоҳакҳои кушода дар маҳаллаҳои 31, 34 вуҷуддошта бо сарпушҳо пӯшонида шавад.

Бо ҳамин Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурхонов Р.С

Котиби комиссия: Ҳ.В. Набизод.